**СУРАТМАҶЛИСИ № 17.2.**
**маҷлиси шурои диссертатсионии 6Д.КОА-012**
**назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**

13 январи соли 2024 ш. Душанбе

Ҳайати шуро бо шумораи 15 нафар тибқи фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, № 12/шд, бо тағйиру иловаҳо аз 30 декабри соли 2022, № 314/шд тасдиқ гардидааст.

Дар асоси варақаи ҳузури аъзои шуро, дар ҷаласа 12 нафар аъзо иштирок доштанд, ҳамаи онҳо доктори илм, аз он ҷумла 3 нафар мутахассис аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда.

**ШУНИДА ШУД:** Ҳимояи ошкорои диссертатсияи Абдураҳмон Ҳакимзода барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ).

**Мавзӯи диссертатсия:** “Рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон”.

Диссертатсия дар кафедраи маркетинг, тиҷорат ва сервиси (ҳоло менеҷмент ва маркетинг) Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон иҷро гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** Ҳамитов Муҳитдин Сайдалиевич – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, сардори шуъбаи иттилоот ва робита бо ҷомеаи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

– Дадоматов Далерҷон Нишонбоевич – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;

– Абдуллоева Лола Ибодуллоевна – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти корхона ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

Ба автореферати диссертатсия 5 тақриз ворид гардида, ҳама тақризҳо мусбат мебошанд.

Ба довталаб 11 савол дода шуд. Саволҳо аз ҷониби аъзои зерини Шуро пешниҳод гардид: Аминов И., Фақеров Ҳ.Н., Дӯстбоев Ш., Раҷабов Р.К., Нидоев Н.Ф. ва Ҷабборов А.

**Дар муҳокима иштирок намуданд:** Рауфӣ А., Аминов И., Дӯстбоев Ш., Фақеров Ҳ.Н.

**Ба ҳайати комиссияи ҳисоб интихоб шуданд:** д.и.и., профессор Нидоев Н.Ф. (раис), Фақеров Ҳ.Н. ва Дӯстбоев Ш.

**қарор қабул карда шуд:**

1. Диссертатсияи Абдураҳмон Ҳакимзода дар мавзӯи дар мавзӯи "Рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) ба талаботи муқарраргаштаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ тибқи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267, бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.
2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамоянд.
3. Ба Абдураҳмон Ҳакимзода дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дода шавад.
4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Абдураҳмон Ҳакимзодаро бо дипломи номзади илмҳои иқтисодӣ сарфароз намояд.

Қарор якдилона қабул гардид (12 нафар тарафдор).

**Раиси шурои диссертатсионӣ**
**д.и.и., дотсент** **Шаропов Ф.Р.**

**Котиби илмии шурои**
**диссертатсионӣ, д.и.и., дотсент** **Толибов Қ.Қ.**